# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**Ба диссертатсияи Раҷабзода Саодат Ҷамол дар мавзуи «Системаи методии ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика тавассути муносибати босалоҳият» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. - Назария ва технологияи таълими математика)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабзода Саодат Ҷамол дар мавзуи «Системаи методии ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика тавассути муносибати босалоҳият» дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, иҷро карда шуда, тибқи бандҳои шиносномаи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. - Назария ва технологияи таълими математика) таҳия шудааст. Аз он ҷумла:

- банди 1.1. - Назария ва технологияи таълимӣ риёзӣ;
- банди 1.2. - Баҳодиҳии сифати таълими математика;
- банди 1.3. - Технологияи иттилооти коммуникатсионӣ дар зинаҳои гуногуни таълим;
- банди 1.4. - Робитаи байнифаннии таълими математика бо дигар фанҳо мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамии мавзуи таҳқиқоти пешниҳодшуда дар шароити кунунии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор омилҳои муҳимми иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва педагогӣ асоснок мегардад. Дар марҳалаи имрӯзаи дигаргуниҳои ҷаҳонишавӣ, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро гирифтаанд, зарурати омода намудани мутахассисони рақобатпазир дар бозори дохилӣ ва берунии меҳнат, дорои тафаккури интиқодӣ, қобилияти эҷодкорӣ ва мутобиқшавӣ ба шароити зудтағйирёбанда

беш аз пеш аҳамият пайдо мекунад. Ин талабот, пеш аз ҳама, ба низоми таҳсилот ва махсусан ба сифати омодасозии кадрҳои педагогӣ иртиботи зич дорад, зеро маҳз омӯзгорон нақши калидиро дар ташаккули нерӯи зеҳнии ҷомеа мебозанд.

Дар ин замина, таҷдиди шуури касбии омӯзгор, аз ҷумла омӯзгори математика, ба ҳайси омили ҳалкунанда дар татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф баромад мекунад. Тағйироти мазмунӣ дар низоми таҳсилот бидуни ташаккули маданияти баланди педагогӣ, ки маҷмӯи донишҳои касбӣ, маҳорати методӣ ва сифатҳои шахсиятиро дар бар мегирад, ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ, масъалаи ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика дар заминаи муносибати босалоҳият дар таълим аҳамияти махсус касб мекунад.

Ҳамзамон, сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, ки ба рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ равона гардидааст, зарурати таҳқиқоти мазкурро боз ҳам тақвият медиҳад. Эълон гардидани «Солҳои 2020-2040 - Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» далели равшани афзалиятнок будани ин самт дар сиёсати давлатӣ мебошад. Ин раванд талаб мекунад, ки низоми таҳсилоти олии касбӣ мутахассисони дорои салоҳиятҳои баланд, қобилияти татбиқи дониш дар амал ва омодагӣ ба рушди пайвастаи касбиро омода намояд.

Илова бар ин, таҷрибаи амалии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нишон медиҳад, ки истифодаи тамоюлҳои анъанавӣ дигар барои ҳалли мушкилоти муосири таҳсилот кофӣ нест. Муносибати босалоҳият дар таълим ҳамчун як парадигмаи нав имкон медиҳад, ки байни донишҳои назариявӣ ва фаъолияти амалӣ робитаи муассир барқарор карда шавад. Дар ин раванд, ташаккули маданияти педагогӣ ҳамчун ҷузъи асосии салоҳияти касбӣ баромад намуда, ба рушди шахсияти омӯзгор, қобилияти эҷодкорӣ ва ташкили муҳити мусоиди таълим мусоидат мекунад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқи масъалаи ташаккули маданияти педагогии омӯзгорони ояндаи математика дар асоси муносибати босалоҳият дар таълим на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки аз ҷиҳати амалӣ низ аҳамияти баланд дорад. Он ба такмили низоми омодасозии кадрҳои педагогӣ, баланд бардоштани сифати таълим ва дар маҷмӯъ, рушди устувори ҷомеа мусоидат хоҳад кард.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия бори аввал маҷмӯи мукаммали асосҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика дар заминаи муносибати босалоҳият ба таври системавӣ таҳия ва асоснок карда шудааст. Муаллиф бо такя ба таҳлили амиқи методологии муаммо ва истифодаи ҳамгироёнаи методҳои педагогӣ ва психологӣ, ки ба вазифаҳои гузошташуда мантиқан мувофиқ мебошанд, имконияти баланд бардоштани самаранокии раванди таълимро исбот намудааст.

Аз тарфаи Раҷабзода С.Ҷ. моҳият ва мундариҷаи маданияти педагогӣ дар шароити таҳсилоти муосир аз нав тафсир ва моделсозӣ гардида, он ҳамчун низоми муттаҳидкунандаи донишҳои касбӣ, арзишҳо, малакаҳои амалии педагогӣ ва қобилияти худтакмилдиҳӣ пешниҳод шудааст. Дар диссертатсия нақши муносибати босалоҳият ба таълим ҳамчун омили калидӣ дар ташаккули маданияти педагогии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба таври илмӣ асоснок шуда, робитаи он бо баланд бардоштани сифати омодагии касбӣ нишон дода шудааст. Ҳамзамон, асосҳои методологӣ ва назариявии сохтани низоми методии ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика муайян гардидаанд, ки онҳо барои таҳияи барномаҳо ва технологияҳои муосири таълим заминаи боэътимод фароҳам меоранд.

Яке аз дастовардҳои муҳими илмии таҳқиқот муайян намудани нақши технологияҳои инноватсионӣ дар ташаккули маданияти педагогии омӯзгорони ояндаи математика ба ҳисоб меравад. Муаллиф нишон медиҳад, ки истифодаи технологияҳои муосири таълим дар якҷоягӣ бо муносибати босалоҳият

метавонад ба рушди ҷузъҳои асосии фаъолияти педагогӣ таъсири мусбат расонад. Дар ин замина, муҳтавои омодасозии омӯзгорони ояндаи математика тибқи принсипҳои таълими босалоҳият таҳия гардида, он ҳамчун воситаи муассири тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир ва дорои салоҳиятҳои баланди касбӣ пешниҳод шудааст.

Ҳамчунин, дар диссертатсия модели илмӣ-методии ташаккули маданияти педагогии омӯзгорони ояндаи математика таҳия гардидааст, ки дорои сохтори мантиқӣ ва ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд мебошад. Барои тасдиқи самаранокии ин модел, муаллиф намунаҳои мушаххаси таълими мавзӯъҳои алоҳидаи математика ба донишҷӯёнро дар шакли дарсҳои маҳорат пешниҳод намуда, имконияти татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқотро нишон додааст.

Нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ асоснок гардида, самаранокии раванди ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика дар заминаи муносибати босалоҳият тавассути тағйироти мусбати устувор дар ҷузъҳои ангезавӣ-арзишӣ, маърифатӣ, фаъолияти амалӣ ва рефлексивӣ тасдиқ карда мешаванд. Ин тағйиротҳо ба баланд бардоштани сифати омодагии касбии омӯзгорони ояндаи математика мусоидат намуда, омодагии онҳоро барои иҷрои самараноки вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва фарҳангсозии фаъолияти педагогӣ таъмин менамоянд. Ҳамин тавр, натиҷаҳои бадастомада дорои аҳамияти назариявӣ ва амалии баланд буда, метавонанд дар такмили низоми таҳсилоти олӣ ва омодасозии кадрҳои педагогии босалоҳият ба таври васеъ истифода шаванд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида бо як қатор омилҳои муҳим таъмин карда шудаанд. Пеш аз ҳама, таҳқиқот ба консепсияҳои муосири илмии педагогӣ такя намуда, дар он маҷмӯи методҳои назариявӣ ва эмпирикӣ ба таври мувофиқ ва мантиқан дуруст истифода гардидааст. Интихоб ва татбиқи методҳои таҳқиқот бо вазифаҳо ва марҳилаҳои асосии таҳқиқот

мутобиқ буда, имконият додааст, ки фарзияҳои пешниҳодшуда ба таври илмӣ санҷида ва тасдиқ карда шаванд. Ҳамзамон, таҳлили амиқи шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ, инчунин таҷрибаи амалии муаллиф, боэътимодии хулосаҳои бадастомадаро тақвият мебахшанд.

Ба ақидаи диссертант самаранокии раванди ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика дар заминаи муносибати босалоҳият пеш аз ҳама дар тағйироти мусбати устувори ҷузъҳои асосии он — ангезавӣ-арзишӣ, маърифатӣ, фаъолияти амалӣ ва рефлексивӣ — зоҳир мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки чунин тағйирот ба баланд бардоштани сифати омодагии касбии омӯзгорониояндаи математика мусоидат намуда, сатҳи омодагии онҳоро барои иҷрои самараноки вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва фарҳангсозии фаъолияти педагогӣ беҳтар менамояд.

Илова бар ин, аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф вобаста ба омодасозии омӯзгорониояндаи математика намунаҳои мушаххаси ташкили дарсҳои математика дар муассисаҳои таҳсилоти умумиро таҳия намудааст. Ҳамчунин, маводҳои дидактикӣ барои мавзӯъҳои алоҳидаи математикаи мактабӣ омода гардида, намунаи дарси муосир бо истифода аз технологияҳо инноватсионӣ пешниҳод шудааст. Ин ҳама далели он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот на танҳо дорои арзиши назариявӣ, балки аҳамияти баланди амалӣ низ мебошанд ва метавонанд дар таҷрибаи воқеии таълим васеъ истифода шаванд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, хулосаҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат буда, фарогири 2 ҷадвал, 27 расм 16 диаграмма аст. Матни диссертатсия аз 444 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, руйхати адабиёт фарогири 375 номгӯй мебошад.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

Дар боби якум масъалаи «**Ҷанбаҳои назариявии ташаккули маданияти педагогии муаллимони оянда**» мавриди таҳқиқ қарор гирифта,

дар он моҳият ва мундариҷаи маданияти педагогӣ дар шароитҳои таҳсилоти муосир, таҳлили таърихию педагогии мафҳуми муносибати босалоҳият, нақши муносибати босалоҳият дар ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика дар раванди таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, модели ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика тавассути муносибати босалоҳият аз ҷиҳати назариявӣ ва методии ба таври амиқ таҳқиқ карда шудааст.

Дар боби мазкур маданияти педагогии омӯзгор ҳамчун низоми мураккаби сифатҳо, донишҳо ва малакаҳои касбӣ баррасӣ гардида, барои ташхиси он як қатор аломатҳои асоснок пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, фарогирӣ, ҳаҷм, сохтори донишҳои педагогӣ, инчунин сатҳи рушди нутқи илмӣ ва педагогӣ ҳамчун нишондиҳандаҳои муҳими омодагии касбӣ муайян карда мешаванд. Дар баробари ин, заминаҳои фалсафӣ, фалсафӣ-педагогӣ ва рефлексивӣ-методӣ, мавқеи иҷтимоӣ ва масъулияти иҷтимоии омӯзгор, сифатҳои инсондӯстӣ, адолатпарастӣ ва таҳаммулпазирӣ, инчунин салоҳиятнокии психологӣ, маҳорати педагогӣ, қобилияти муошират, эҷодкорӣ ва таҳлил, салоҳиятнокии иттилоотӣ ва фарҳанги муносибатҳои байнишахсӣ ҳамчун ҷузъҳои ҷудонопазири маданияти педагогӣ тавсиф карда мешаванд. Ҳамаи ин нишондиҳандаҳо дар маҷмӯъ сатҳи ташаккули шахсияти омӯзгор ва қобилияти ӯро барои амалӣ намудани фаъолияти самараноки педагогӣ инъикос менамоянд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки танҳо дар он сурат низоми маориф метавонад самаранок бошад, ки агар инсон дар амал, на танҳо дар сухан, ба мақсади асосии раванди таҳсилот табдил ёбад. Яъне, раванди таълим бояд хусусияти инсондӯстӣ дошта, ба худшиносӣ ва рушди ҳамаҷонибаи шахсият мусоидат намояд. Дар чунин шароит, донишҳои пешниҳодшаванда бояд дорои аҳамияти воқеӣ бошанд ва раванди азхудкунии онҳо ба ошкор намудани методологияи умумии маърифат мусоидат кунад. Ҳамзамон, дараҷаи баланди маданияти педагогӣ бо манфиатҳои ҷамъиятӣ пайвасти ногусастанӣ дошта, дар худ ҳисси масъулият ва ғамхорӣ нисбат баояндаи ҷомеа ва инсониятро

таҷассум менамояд. Бо назардошти ин, омӯзгорон вобаста ба сатҳи ташаккули маданияти педагогӣ ба дараҷаҳои гуногун ҷудо шуда, ҳар яке бо дараҷаи мутобиқати онҳо ба талаботи фаъолияти педагогӣ муайян карда мешаванд.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки ба **«Асосҳои консептуалии сохтори системаи методии ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика тавассути муносибати босалоҳият»** бахшида шудааст, аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар доираи ин боб андешаҳои пешқадами олимону муҳаққиқони соҳаҳои педагогика, психология ва математика мавриди таҳлили амиқ қарор гирифта, масъалаҳои марбут ба ташаккули низоми салоҳиятҳои методӣ, принсипҳои дидактикӣ ва шароитҳои педагогии татбиқи муносибати босалоҳият ба таври муфассал баррасӣ шудаанд. Муаллиф бо такя ба таҳқиқоти илмии муосир ва таҷрибаи пешқадам, заминаҳои консептуалии ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ муайян менамояд.

Дар натиҷаи таҳқиқот диссертант ба хулосае меояд, ки муносибати босалоҳият ҳамчун тамоюли муҳими таҳсилоти ҷаҳонӣ имконият фароҳам меорад, ки ихтилофҳои мавҷуда миёни талаботи барномаҳои таълимӣ, эҳтиёҷоти ҷомеа ва ниёзҳои шахсият самаранок ҳаллу фасл карда шаванд. Ин тамоюл зарурати аз нав баррасӣ намудани мазмун ва шаклҳои таълимро ба миён оварда, татбиқи онро ҳанӯз аз зинаҳои ибтидоии таҳсилот талаб мекунад. Аз ин лиҳоз, ба ташкили дурусти фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ, ки дар он заминаҳои фаъолияти умумии таълимии хонандагон ташаккул меёбанд, диққати махсус дода мешавад.

Ҳамзамон, дар боби мазкур моҳияти мафҳуми «шароити педагогӣ» ба таври илмӣ шарҳ дода шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки шароитҳо ҳамчун омилҳои зарурии ба вуҷуд омадани равандҳои педагогӣ баромад намуда, хусусият ва самаранокии таъсири онҳо аз тарзи ташкил ва истифодаашон вобаста мебошад. Бо тағйир додани шароитҳои таълимӣ, мумкин аст ҳам тарзи амали омилҳо ва ҳам натиҷаи таъсири онҳо дигар карда

шавад. Дар ин замина, тахти шароити педагогии ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика маҷмӯи омилҳои муҳити таълимӣ ва моддӣ-фазоии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаҳмида мешавад, ки ба таври мутаносиб ба раванди ташаккул таъсир расонида, ноилшавӣ ба ҳадафҳои таълимиро таъмин менамояд.

Дар боби сеюми диссертатсия масъалаи **«Технологияи ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика тавассути муносибати босалоҳият»** матраҳ гардида, ба масъалаҳои амалии татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот бахшида шуда, дорои аҳамияти махсус мебошад. Дар ин боб муаллиф шаклҳо, методҳо ва технологияҳои муосири таълимро, ки ба ташаккули маданияти педагогии омӯзгорони ояндаи математика мусоидат менамоянд, ба таври муфассал баррасӣ кардааст. Ҳамзамон, нақши фаъолияти берунаэсинфӣ ҳамчун ҷузъи муҳими раванди таълим дар рушди салоҳиятҳои касбӣ ва шахсии донишҷӯён нишон дода мешавад.

Муаллиф зарурати гузариш аз усулҳои анъанавии таълимро ба шаклҳои фаъол ва интерактивии фаъолияти таълимӣ асоснок намуда, таъкид мекунад, ки чунин тамоюлҳо имконият медиҳанд, ки донишҷӯён на танҳо донишҳои назариявиро азхуд намоянд, балки онҳоро дар амал татбиқ карда, малака ва маҳорати касбии устуворро инкишоф диҳанд. Истифодаи технологияҳои интерактивӣ, методҳои кори гурӯҳӣ, омӯзиши мушкилотӣ ва дигар шаклҳои фаъоли таълим ба рушди тафаккури мустақил, қобилияти таҳлил ва эҷодкории донишҷӯён мусоидат менамояд.

Дар маҷмӯъ, боби мазкур нишон медиҳад, ки татбиқи технологияҳои муосири таълим дар заминаи муносибати босалоҳият заминаи боэътимод барои ташаккули маданияти педагогии муаллимони ояндаи математика фароҳам меорад.

**Боби чоруми диссертатсия**, ки ба мавзӯи **«Корҳои берунаэсинфӣ ва меъёрҳои ташхиси ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика тавассути муносибати босалоҳият»** бахшида шудааст, ҷанбаҳои муҳими амалии таҳқиқотро дар бар мегирад. Дар ин боб

муаллиф на танҳо моҳият ва аҳамияти корҳои беруназсинфиро шарҳ медиҳад, балки нақши онҳоро дар ташаккули фаъолияти эҷодӣ, маърифатӣ ва касбии донишҷӯёни ихтисоси математика ба таври муфассал асоснок менамояд. Қайд мегардад, ки чунин шакли фаъолият имконият фароҳам меорад, ки донишҷӯён донишҳои назариявии худро дар муҳити озодтар ва эҷодкорона татбиқ намуда, малакаҳои мустақилият, ташаббускорӣ ва тафаккури интиқодиро инкишоф диҳанд.

Ҳамзамон, дар боби мазкур меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ташхиси сатҳи ташаккули маданияти педагогии донишҷӯён пешниҳод гардидаанд, ки ба арзёбии ҳамаҷонибаи раванди таҳсилот мусоидат мекунанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки корҳои беруназсинфӣ ҳамчун ҷузъи муҳими низоми таълим дар заминаи муносибати босалоҳият метавонанд ба рушди ҷузъҳои асосии маданияти педагогӣ — аз ҷумла ангезавӣ, маърифатӣ, амалӣ ва рефлексивӣ — таъсири назаррас расонанд.

Дар маҷмӯъ, боби мазкур аҳамияти баланди методӣ дошта, роҳҳои самараноки ташаккули шахсияти омӯзгори ояндаи математика ва баланд бардоштани сифати омодагии касбии онҳоро нишон медиҳад.

**Боби панҷуми диссертатсия** ба мавзуи **«Кори таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба низоми методии ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика тавассути муносибати босалоҳият»** бахшида шуда, дар он санҷиши амалии натиҷаҳои таҳқиқот, аҳамияти хоса дорад. Дар ин боб мазмун ва раванди гузаронидани озмоиши педагогӣ ҳамчун воситаи муҳими таҳқиқотӣ муфассал шарҳ дода мешавад. Озмоиши педагогӣ ҳамчун маҷмӯи усулҳои илмӣ барои ҷустуҷӯ ва муайян намудани шароити самараноки таълиму тарбия баррасӣ гардида, имконият медиҳад, ки самаранокии технологияҳо ва методикаҳои пешниҳодшуда дар амалия санҷида шаванд ва роҳҳои муассири ҳаллу фасли масъалаҳои таълимӣ муайян карда шаванд. Дар раванди таҳқиқот пурсишномаҳо ва усулҳои гуногуни ҷамъоварии маълумот миёни омӯзгорон ва донишҷӯён истифода гардида, заминаи боэътимоди таҳлили натиҷаҳо фароҳам оварда шудааст.

Дар доираи озмоиши педагогӣ диққати асосӣ ба муайян намудани сатҳи ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика тавассути

муносибати босалоҳият равона гардидааст. Бо ин мақсад, низоми арзёбии махсус таҳия карда шудааст, ки сатҳҳои гуногуни ташаккулёбии маданияти педагогӣ: баланд, миёна ва пастро дар бар мегирад. Муаллиф нишон медиҳад, ки сатҳи баланд бо иштироки фаъолона ва бошууронаи донишҷӯ дар фаъолияти коллективи педагогӣ, майли доимӣ ба худтакмилдиҳӣ ва дарки амиқи масъулияти касбӣ тавсиф меёбад. Сатҳи миёна бо шуурнокии нисбатан рушдёфта, иштироки фаъол дар равандҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва муносибати мусбат ба фаъолияти педагогӣ фарқ мекунад. Дар навбати худ, сатҳи паст бо маҳдуд будани дарки мазмун ва аҳамияти фаъолияти педагогӣ, норавшан будани мавқеи касбӣ ва муносибати умумӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ алоқаманд мебошад.

Натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ нишон медиҳанд, ки татбиқи низоми методии пешниҳодшуда дар заминаи муносибати босалоҳият ба тағйироти мусбати устувор дар ташаккули маданияти педагогии донишҷӯён мусоидат менамояд. Ин тағйирот, пеш аз ҳама, дар баланд гардидани сатҳи омодагии касбӣ, рушди салоҳиятҳои педагогӣ ва беҳтар шудани қобилияти татбиқи донишҳо дар амалия зоҳир мегардад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Аҳамияти илмии диссертатсия пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки дар он ҷузъҳои ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика ба таври дақиқ ва системанок муайян карда шудаанд. Муаллиф бо такя ба муносибати босалоҳият таҳлили амиқи назариявӣ анҷом дода, меъёрҳои асосии арзёбии сатҳи ташаккулёбии маданияти педагогӣ: ҳавасмандкунанда, арзишӣ, маърифатӣ ва фаъолиятӣ-таҳлилиро асоснок намудааст. Ин тамоюл ба рушди назарияи педагогикаи муосир мусоидат намуда, заминаи илмии боэътимод барои таҳқиқоти минбаъда дар самти омодасозии омӯзгорони босалоҳият фароҳам меорад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи натиҷаҳои он дар раванди воқеии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ифода меёбад. Ҷузъҳо ва меъёрҳои муайяншуда барои таҳияи барномаҳо, курсҳо ва

технологияҳои таълимии самаранок дар самти ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика заминаи устувор фароҳам месозанд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар такмили мазмун ва методикаи таълими фанҳои педагогӣ ва тахассусӣ, инчунин дар омодасозии омӯзгорони оянда барои фаъолияти касбии самаранок васеъ истифода шаванд.

Аҳамияти иқтисодии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки татбиқи натиҷаҳои он ба баланд бардоштани сифати омодасозии кадрҳои педагогӣ мусоидат намуда, самаранокии фаъолияти онҳо дар бозори меҳнатро зиёд мекунад. Омӯзгорони босалоҳият ва дорои маданияти баланди педагогӣ метавонанд ба рушди нерӯи инсонӣ ва беҳтар гардидани сифати таҳсилот таъсири мусбат расонанд, ки дар навбати худ ба пешрафти иқтисодии ҷомеа замина мегузорад. Илова бар ин, истифодаи технологияҳои муосири таълим метавонад хароҷоти марбут ба бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳоро коҳиш диҳад.

Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ташаккули маданияти педагогии омӯзгорони ояндаи математика ба рушди маънавӣ, фарҳангӣ ва зеҳнии ҷомеа мусоидат мекунад. Омӯзгорони дорои салоҳиятҳои баланд метавонанд дар тарбияи насли наврас бо арзишҳои инсондӯстӣ, масъулиятшиносӣ ва тафаккури интиқодӣ саҳми назаррас гузоранд. Ин раванд ба баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҷамъиятӣ, таҳкими муносибатҳои иҷтимоӣ ва омодасозии шаҳрвандони фаъолу масъул мусоидат намуда, дар маҷмӯъ ба рушди устувори ҷомеа таъсири мусбат мерасонад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия - вобаста ба мавзуи таҳқиқот беш аз 82 номгӯйи маводҳои чопӣ, аз ҷумла 3 монография, 3 китоби дарсӣ (қисми якуми китоби дарсӣ, ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия шудааст), 10 дастурӣ-таълими методӣ, 22 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ба қайдгирифташуда, инъикос ёфтааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарориҲукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар рисола мафҳуми «маданияти педагогӣ» васеъ шарҳ дода шудааст, аммо фарқияти он аз мафҳумҳои наздик, ба монанди «салоҳияти педагогӣ» ва «маҳорати педагогӣ» на ҳамеша ба таври равшан ҷудо карда шудааст.

2. Таҳлили таърихию педагогии муносибати босалоҳият бештар хусусияти тавсифӣ дошта, муқоисаи интиқодии андешаҳои олимон камтар ба назар мерасад.

3. Меъёрҳо (критерияҳо)-и ташхиси маданияти педагогӣ муайян гардидаанд, аммо нишондиҳандаҳои арзёбии онҳо шарҳи бештар талаб мекунанд.

4. Ҳангоми гузаронидани озмоиши педагогӣ истифодаи васеътар ва мақсадноки мисолу масъалаҳои мушаххаси таълимӣ метавонист сатҳи эътимоднокӣ ва нодирияти натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам баландтар намояд.

5. Дар матни диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад, ки ислоҳшаванда буда, ба арзиши таҳқиқоти анҷомёфта таъсир намерасонад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҷабзода Саодат Ҷамол дар мавзуи Системаи методии ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика тавассути муносибати босалоҳият», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.- Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. - Назария ва технологияи таълими математика) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида,

ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.


**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
мудири кафедраи методикаи таълими математикаи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Мирзозода Р.Р.
«27» 04 2026с.

Суроға:734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Н. Қаробоев х. 92, ҳ. 6
Тел: (+992) 918-63-62-37.
E-mail: r_mirzoev1966@mail.ru

Имзои Мирзозода Р.Р.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода С.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Тел.: +992 (37) 2-24-13-83, 2-24-18-01
Факс: +992 (37) 2-24-06-
Сомона: www.tgpu.tj
E-mail: info@tgpu.tj
«28» 04 с. 2026.